Ба фармоиши Директори
Агентии омори назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 24 июли соли 2013
№ 31 тасдиқ кардааст.

**Дастуруламал**
дар бораи тартиби ба ҳисобгирии коркарди ашёи хоми пахта, боқимондаҳои коркарданашудаи ашёи хоми пахта ва нахи пахта, аз навкоркарди нахи пахта ва ба фурӯш баровардани маҳсулоти пахтагин аз рӯи шакли 2-пахта (моҳона).

Шакли № 2 - пахта «Ҳисобот дар бораи натиҷаҳои коркарди ашёи хоми пахта, аз нав коркарди нахи пахта ва боқимондаҳои маҳсулоти пахта»-ро ҳамаи корхонаҳои пахтатозакунии саноатӣ, сарфи назар аз шакли моликият ва тобеият ба мақомоти омор пешниҳод мекунанд.

Корхонаҳое, ки муваққатан фаъолият намекунанд низ бо нишон додани аз кадом вақт онҳо кор намекунанд, бояд ҳисобот пешниҳод кунанд.

Талаботи асосӣ ҳангоми пур кардани ҳамаи фаслҳо аз инҳо иборатанд:

- пур кардани ҳисобот бо ҷамъбасти афзоянда;
- муътамадии маълумотҳо;
- Пурра пур кардани ҳисобот, бо нишон додани шакли моликият маҳалли ҷойгирифтаи корхонаҳо;

Ҳисобот аз рӯи шакли №2 –пахта бо ифодаи асл (натуралӣ) (тонна) танҳо бо вазни ғуншуда пур карда мешавад.

Дар ҳисобот ҳамаи маҳсулоти пахтагини коркардашуда ва аз нав коркардашудаи воридшуда, якҷоя бо ашёи хоми пахтаи фармоишгар оварда мешаванд.

Дар фасли 1 «Тарози (баланси) коркарди ашёи хоми пахта» маълумотҳои оид ба навъҳои аз нав коркардашудаи ашёи хоми пахта оварда мешавад, ҳамчунин навъҳои маҳиннах ҷудо нишон дода мешавад.

Дар сутунҳои 1 ва 2 боқимондаи ашёи хоми пахта ва нах аз аввали мавсим оварда мешавад. Ин маълумотҳо то охири давраи ҳисобот бетағир мемонанд.

Дар сутуни 3 миқдори ашёи хоми пахтаи воридшуда аз аввали мавсим бо вазни ғуншуда (бо ҷамъбасти афзоянда) нишон дода мешавад.

Дар сутуни 4 ҳаҷми ашёи хоми пахта, ки ба дигар корхонаи коркади пахта дода шудааст, оварда мешавад, агар чунин ҳолатҳо ҷой дошта бошанд.

Дар сутуни 5 ҳаҷми ашёи хоми пахта, ки аз дигар корхонаи коркади пахта гирифта шудааст, оварда мешавад, агар чунин ҳолатҳо ҷой дошта бошанд.

Дар сутуни 6 миқдори ашёи хоми пахтаи барои коркард воридшуда аз аввали мавсим бо вазни ғуншуда (бо ҷамъбасти афзоянда) нишон дода мешавад.

Дар сутуни 7 гарду ғубор, талафоти сеххои хушку тозакунанда(СХТ) оварда мешавад. Маълумотҳо ба ҷамъбасти афзоянда нишон дода мешавад.

Сутуни 8 миқдори ашёи хоми пахтаро аз аввали мавсим тавсиф мекунад.
Ба навъҳо ҷудо кардани ашёи хоми пахта манъ аст.

Дар сутуни 9 маълумот дар бораи миқдори коркарди нахи пахта аз аввали мавсим ва сутуни 9а пахтаи курпабоб оварда мешавад. Маълумотҳои сутуни 9 бояд ба маълумотҳои сутуни 4-и ҳисобот№1-пахта баробар бошанд.

Дар сутуни 10 маълумот дар бораи, ба фурӯш баровардани нахи пахтава сутуни 11 нахи пахтаи баргардонидашуда ба истеъмолкунандагон аз аввали мавсим бо назардошти ашёи хоми фармоишгар оварда мешавад. Маълумотҳои оиди ба фурӯш баровардани нахи пахта бояд ба ҳуҷҷатҳои аввалияи ба фурӯш баровардани корхона мувофиқат кунад.

Дар сутунҳои 12, 13 боқимондаи ашёи хоми пахта ва нах дар охири давраи ҳисобот оварда мешавад.Ин маълумотҳо бе тағйир мемонанд ва дар охири мавсим ба аввали давраи ҳисобот гузаронида мешаванд.

Маълумотҳои сутуни 12 бо роҳи ҷамъсозии маълумотҳои сутунҳои 1 ва 9 ва тарҳ намудани маълумотҳои сутуни 10 ва 111 оварда мешаванд.

Маълумотҳои сутуни 13- бо роҳи ҷамъсозии сутунҳои 2 ва 6 ва тарҳи, сутунҳои 7 ва 8 оварда мешаванд.

Дар фасли II-ҳисобот маълумотҳо дар бораи миқдори ғози пахта аз рӯи навъҳо оварда мешаванд:

Дар сутуни 1 боқимондаҳои ғози пахта дар аввали мавсим оварда мешаванд.

Дар сутуни 2 ҳамаи миқдори ғози коркардаи пахта аз ҷумла аз ашёи хоми пахтаи фармоишгар аз аввали мавсим нишон дода мешавад.

Дар сутуни 3 ба фурӯш баровардани ғози пахта аз аввали мавсим.

Дар сутуни 4 боқимондаи ғози пахта дар охири давраи ҳисобот, ки бо роҳи ҷамъбаст намудани сутунҳои 1 ва 2 ва тарҳи сутуни 3 гирифта шудааст, оварда мешавад.

Дар сутуни 5 миқдори ғози пахта, ки дар корхонаи пахтатозакунӣ барои хизматрасониаш нигоҳ дошта мешавад, оварда мешавад.

Дар фасли III маълумотҳо оид ба тороҷи коркард ба фурӯш баровардани чигити пахтаи оварда мешавад.

Дар сутуни 1 боқимондаи чигити пахтаи дар аввали мавсим оварда мешавад.

Дар сутуни 2 истеҳсоли чигити пахтаи аз аввали мавсим аз ҷумла аз ашёи хоми пахтаи фармоишгар оварда мешавад.

Дар сутуни 3 захираҳои чигити пахтаи аз аввали мавсим, ки бо ҷамъи сутунҳои 1 ва 2 ба даст оварда шудааст,нишон дода мешавад.

Дар сутуни 4 миқдори чигити пахтаи ба фурӯш баровардашуда аз аввали мавсим оварда мешавад.Дар назар доштан зарур аст,ки чигитҳо ба чигитҳои киштшаванда ва техникӣ ҷудо карда мешаванд. Чигити киштшаванда асосан аз наъи якуми ашёи хоми пахта истеҳсол шуда,ба хоҷагиҳои деҳқонӣ супорида мешавад.

Чигитҳои техникӣ барои истеҳсоли равған ба корхонаҳои равғанкашӣ ва ба дигар корхонаҳо фурӯхта мешавад.Маълумотҳои сутуни 4 аз рӯи маҳалҳо ё нуктаҳои фурӯш шарҳ дода мешавад.

Сутуни 5 корхонаҳои равғанкашии корхонаҳои воҳиди давлатии «Хурокворӣ».

Сутуни 6 ба дигар истеъмолкунандагони чигити техникӣ(азон ҷумла фирмаҳои хурд ва ашхосе,кибо шаҳодатномаю патент кор мекунанд).

Дар сутуни 7 боқимондаи чигит дар охири давраи ҳисобот,ки аз фарқияти сутунҳои 3 ва 4 гирифта шудааст оварда мешавад.

Дар ҳисоботи шакли 2-пахта ҳамаи гуфтаҳои арифметикии назорати бояд риоя карда шаванд.

Ҳисобот аз рӯи шакли 2-пахта ба мақомоти омори маҳали ҷой гирифтаи корхонаҳо то 5 рӯзи баъди давраи ҳисоботӣ пешниҳод карда мешавад.

Ҳисоботи 2-пахта бояд роҳбари корхона бо нишон додани ному насаби иҷрокунандаи ҳисобот ва № телефонӣ имзо кунад.

Мақомоти маҳаллии омор ҳуқуқ доранд, корхонаҳоеро,ки бо коркарду аз нав коркарди ашёи хоми пахта ва нахи пахта машғуланд, оиди ба муътамадии маълумотҳои ҳисоботро аз рӯи шакли 2-пахта тафтиш кунанд.

Раёсати омори саноат ва инвеститцияҳо дар сохтмони Агентӣ.